Протоколи №5-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-118-и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 30-юми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

Раиси шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ – Казакова Умринисо оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** ибрози андеша намуда, таъкид намуданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Қаҳорзода Меҳроҷиддини Вайсиддин дар мавзуи **«Ҷанбаҳои бадеӣ ва фалсафии ашъори Аскар Ҳаким»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.18 – Назарияи адабиёт ва сабкшиносӣ ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– Қосимзода Солеҳ Салим – доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Миралиева Сарварбӣ Толибовна – номзади илмҳои филологӣ, сармутахассис – котиби матбуотӣ ва масъули сомонаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Сайидмуъмин Раҳимов.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии **“Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”** пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 11.12.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Қарор якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э.